Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-14
назди Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе,
кӯчаи Нахимова 64/14)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Аҳадов Исматилло Қаюмович ба диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.**

## Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсия Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз -9.1., 9.2., 9.3., 9.7. мутобиқат мекунад. Қайд кардан зарур аст, ки масъалаҳои дар рисола баррасигардида пурра бандҳои дар боло овардашударо дар бар мегирад.

Дар ин замина бояд қайд кард, ки масъалаҳое, ки дар диссертатсия таҳлил ва баррасӣ мегардад, дар доираи бандҳои дар боло овардашудаи КОА мебошанд.

## Мубрам будани мавзуи диссертатсия.

Дар шароити муосир рушди соҳаи кишоварзӣ дар аксарияти давлатҳо муҳим буда, дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ин соҳа нақши калидӣ дорад. Чунки соҳаи кишоварзӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолӣ ва афзоиши содирот нақши назаррас дорад. Бо вуҷуди ин, қисми зиёди

корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ бо мушкилоти ҷиддии норасоии сармояи гардон, маҳдуд будани дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва баланд будани фоизҳои қарзҳо рӯ ба рӯ мебошанд. Дар чунин вазъият ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзнок ҳамчун воситаи муҳими дастгирии давлатии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ баромад намуда, барои навсозии техника, хариди тухмӣ, нуриҳо, васеъ намудани майдонҳои кишт ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ замина фароҳам меорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши хусусиятҳои ташаккули чунин низом барои иқтисоди миллӣ аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад.

Мубрамияти мавзӯъ инчунин бо он асос меёбад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири тағйирёбии иқлим, камбудии захираҳои обӣ, болоравии нархи воридоти техника ва номуътадилии бозорҳои ҷаҳонӣ ба фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ бештар эҳсос мегардад. Дар чунин шароит низоми қарздиҳии имтиёзнок метавонад ҳамчун механизми коҳиши хавфҳои молиявӣ ва ҳавасмандсозии сармоягузорӣ хизмат намояд. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки ҳанӯз масъалаҳои дастрасии нобаробар ба қарз, тартиботи мураккаби гирифтани он, талаботи зиёди гарав ва самаранокии пасти истифодаи маблағҳои қарзӣ боқӣ мондаанд. Аз ин рӯ, таҳқиқи роҳҳои такмили механизми қарздиҳии имтиёзнок ва мутобиқсозии он ба шароити бозорӣ зарурати воқеӣ дорад.

Илова бар ин, рушди устувори низоми қарздиҳии имтиёзнок ба татбиқи стратегияҳои давлатии рушди агросаноатӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот мусоидат мекунад. Бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ дар низоми молиявӣ, омӯзиши хусусиятҳои ташаккул ва рушди қарздиҳии имтиёзнок барои корхонаҳои кишоварзӣ метавонад барои таҳияи механизмҳои нави маблағгузорӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти махсус касб намояд.

**Дарачаи навгонии натичаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муваффақиятҳои асосии таҳлил аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ҳамчун натичати мухтасари навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллифӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки навгонии илмии таҳқиқотҳои дисертатсионии унвончӯ аз асосноккунии чанбаҳои илмию назариявӣ, коркарди муқаррароти методӣ ва тавсияҳои амалӣ барои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон натичагирӣ гардидаанд, ки татбиқи амалии онҳо дар фаъолияти бонкҳои тичоратӣ бартариятҳои зеринро ба монанди тачдиди низоми қарздиҳӣ, идоракунии захираҳои молиявии корхонаҳо, рушди низоми қарздиҳии имтиёзнок ва таъсиси низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ, дониста мешаванд. Навгониҳои бадастомада натичаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф буда, дар ин раванд пешниҳодҳо илман асосонок гардидаанд, ки яке аз масъалаҳои муҳим дар самти ташаккул ва рушди қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ мебошанд, ки ин навгониҳо аз қисматҳои зерин иборат мебошанд:

1. Муаллиф дар натичаи таҳқиқот тафсири пойгоҳи назариявии қарздиҳии кишоварзиро муайян намуда, методологии онро таҳия намудааст. Дар баробари ин, дар диссертатсия мафҳум ва муҳтавои иқтисодии қарзи кишоварзӣ аниқ карда шуда, аз тараи муаллиф мақсад, вазифаҳо, принсипҳо ва дигар чанбаҳои методии он шарҳ дода шудаанд.

2. Дар таҳқиқот вазъи муосири қарздиҳии корхонаҳои кишоварзии Чумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шуда, хусусиятҳои он, мушкилот, монеаҳову маҳдудиятҳо ва роҳҳои рушди қарздиҳии имтиёзноки соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ карда шудаанд.

3. Дар натичаи таҳқиқи тачрибаи хоричӣ муаллиф тавонистааст низоми миллии қарздиҳии кишоварзии чумҳуриро бо низомҳои қарздиҳии имтиёзноки мамлакатҳои дигар муқоиса намуда, имконияти ҳамгироии онро

арзёбӣ кунад ва роҳҳои татбиқи амалияҳои пешқадами ҷаҳонӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

4. Муаллифи рисола дар натиҷаи таҳқиқот самтҳои рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки кишоварзиро дар ҷумҳурӣ таҳия карда, доир ба ин тадбирҳои амалӣ пешниҳод намудааст. Такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва бартараф кардани монеаҳои институтсионалию молиявӣ дар роҳи рушди қарздиҳии имтиёзноки кишоварзӣ ақидаҳои шахсии муаллиф ба ҳисоб мераванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳамияти илмӣ ва амалии рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад бар он асос меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзиши хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд. Дар доираи рисола моҳият, мазмун ва хусусиятҳои иқтисодии низоми қарздиҳии имтиёзнок барои корхонаҳои кишоварзӣ баррасӣ гардида, мафҳуми муосири он дар шароити иқтисодиёти гузариш муайян карда шудааст. Муаллиф тавонистааст асосҳои назариявии таъсири қарзҳои имтиёзнокро ба рушди истеҳсолоти кишоварзӣ, баланд шудани ҳосилнокӣ, навсозии техника ва устувории молиявии субъектҳои аграрӣ такмил диҳад.

Ҳамзамон, дар таҳқиқот муносибатҳои байни давлат, низоми бонкӣ, фондҳои дастгирии соҳибкорӣ ва истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамчун низоми ягонаи институтсионалӣ асоснок карда шудааст. Ин масъала барои рушди назарияи маблағгузории аграрӣ ва сиёсати қарзии давлатӣ аҳамияти муҳим дорад.

Дар шароити муосир, ки масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, рушди истеҳсолоти ватанӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии бахши аграрӣ ва дастгирии соҳибкории деҳот аҳамияти стратегӣ касб намудаанд, такмили механизми қарздиҳии имтиёзнок ҳамчун яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат баромад мекунад. Доир ба масълаҳои

таҳлилшаванда муаллиф дар бобҳои алоҳидаи рисолаи таҳлилҳи назаррас анҷом додааст. Ҷанбаҳои назариявӣ қарзҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ ва хусусиятҳои ташаккули онҳо дар низоми бонкӣ аз тарафи муаллиф дар боби якум таҳлил гардида (саҳ. 13-73), хуласаҳои илмӣ пешниҳод шудааст. Ҳамчунин, дар боби дуюм таҳлили вазъи муосири қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст, ки ба як қатор дастовардҳои илмӣ ноил гардидаст (саҳ. 74-126). Дар боби сеюм (127-159) тамоюлоти рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ муайян ва роҳҳои ҳалли мушкилоти асосии қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ пешниҳод гардидаast. Аз таҳлили бандҳои илмӣ бар меояд, ки аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз таҳия ва коркади пешниҳодҳои мушаххас оид ба самтҳои такмили қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароти рушди технологияҳои рақамӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, дар таҳия ва дуруст ба роҳ мондани раванди таҳқиқот корҳои зеринро анҷом додааст, ки ҳамчун меъёрҳои илман асоснок мебошанд, ки аз қабили: интихоби мавзуъ, асоснокунӣ ва мубрамияти он, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот иборат мебошанд. Муаллиф дар таҳияи муқаррароти назариявиро оид ба қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ арзёбӣ намуда, ҷанбаҳои назариявию методологии қарзи кишоварзиро таҳқиқ намудааст. Ҳамчунин, дар рисолаи муаллиф дар самти такмили раванди баландбардории сифати қарзҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ ва додани имтиёз ба онҳо, таҳлил гузаронида ба натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардидааст, ки саҳми амалии муаллиф ба ҳисоб меравад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳо ва пешниҳодҳои асосии диссертатсия дар конфронсҳо ва семинарҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Иқтисодиёт, менеҷмент, молия: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» (Пенза, 2024), «Масъалаҳои идоракунӣ ва иқтисодиёт: вазъи муосир ва мушкилоти мубрам» (Москва, 2023), «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит дар шароити муосир» (Душанбе, 2023) ва дигарҳо баҳои мусбат гирифтаанд. Тавсияҳои таҳияшуда метавонанд дар амалияи қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ба кор бурда шаванд. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълимии зинаи бакалавриат бо самти ихтисоси «Молия ва қарз» истифода мешаванд.

Бояд қайд кард, ки тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия дар доираи маводҳои илмӣ ба монанди мақолаҳо 8 адад, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт бо 144 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 184 саҳифаи чопи компютерӣ дарҷ гардида, 9 расм ва 22 ҷадвалро дар бар мегирад.

Унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад, доир ба масълаҳои рушди низоми қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида, ки шарти зарурӣ мебошанд, барассӣ ва арзёбӣ кардааст. Тафсири мушаххаси онҳоро дар сатҳи бобҳои алоҳида баҳо додан мумкин мебошад.

**Муаллифи рисола дар боби якуми диссертатсия** – “Асосҳои назариявию методологии қарздиҳии корхонаҳои кишоварзӣ” таҳаввулоти муносибатҳои қарзии корхонаҳои кишоварзӣ бо бонкҳо омӯхта шуда, ҷанбаҳои назариявию методологии қарзи кишоварзӣ ва муҳтавои иқтисодии

он таҳқиқ гардидаанд. Ҳамчунин, зарурати қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити ноустувории молиявӣ таҳлил ва баррасӣ гардида, вижагиҳои қарзҳо ба корхонаҳои кишоварзӣ муайян ва ошкор карда шудаанд.

Дар саҳифаи 14, диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки қарз дар рушди соҳаи кишоварзӣ нақши муҳим дошта, ба нав кардани пойгоҳи моддию техникии истеҳсолот, беҳтар шудани шароити меҳнат ва баланд бардоштани ҳосилнокии он мусоидат мекунанд. Таҳаввули мафҳуми қарз ва муносибатҳои қарзӣ бо равандҳои таърихӣ, рушди иқтисодиёт ва дигаргуншавиҳои вазъи сиёсӣ зич алоқаманд аст.

Ба ақидаи муаллиф рушди соҳаи кишоварзӣ, баланд бардоштани саҳми он дар иқтисодиёти миллӣ, таъмини беҳтар ва бештари аҳолии мамлакат бо озуқа ва фаъолияти босамари корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ аз вазъи молиявӣ ва фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ, таъмин будани онҳо бо воситаҳои асосӣ ва гардон вобаста аст. Дар таъмини корхонаҳои кишоварзӣ бо воситаҳои асосӣ ва гардон нақши муҳимро низоми бонкӣ бо истифодаи усулҳои пешрафта ва босамари қарздиҳӣ ва дастгирии соҳибкорони соҳаи кишоварзӣ иҷро менамояд (саҳ.33).

Дар расми 1.3. таҳлили пӯёи қарздиҳӣ ба соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2000-2024 нишон дода шудааст, ки дастгирии молиявии соҳаҳо, аз ҷумла кишоварзӣ нобаробар рушд кардааст ва ин аз набудани низоми аз ҷиҳати методологӣ роҳандозишудаи қарздиҳӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тавр, тибқи ақидаи муаллиф, ҷанбаҳои методологии қарзи кишоварзӣ маҷмуи равишҳои илмӣ, усулҳо, воситаҳои таҳлилӣ ва маҳакҳоеро ифода мекунанд, ки барои таҳқиқи амиқи моҳияти муносибатҳои қарзӣ дар соҳаи кишоварзӣ, ба инобат гирифтани хусусиятҳои соҳавии истеҳсолот ва таҳия намудани механизмҳои муассири таъмини дастрасии захираҳои қарзӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ имкон медиҳанд. Инчунин, аз тарафи муаллиф пешниҳод шудааст, ки дохил кардани ин ҷанбаҳо ба пойгоҳи

назариявии таҳқиқот сатҳи илмии таҳқиқотро баланд мебардорад ва таҳлили ҳамаҷонибаи қарздиҳии кишоварзиро таъмин мекунад (саҳ.55).

Ҳамчунин, бояд қайд кард, ки муаллифи рисолаи илмӣ дар боб ва параграфҳои он кӯшиш намудааст, ки ҷанбаҳои назариявии қарздиҳӣ ба корхонаҳои кишоварзӣ ва додани имтиёзҳо ба онро омӯхта, сатҳи таъсирнокии онҳоро ба фаъолияти бонкӣ амиқ мавриди баррасӣ қарор додааст.

**Дар боби дуюми диссертатсия** – “Таҳлили вазъи муосири қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” хусусиятҳои механизми амалкунандаи қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил гардида, мушкилоти асосии қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварз дида баромада шудааст. Ҳамчунин, истифодаи имконияти ҳамгирой бо низомҳои ҷаҳонии қарзӣ дар қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтаанд.

Аз тарафи муаллиф собит карда шудааст, ки дастгирии давлатии молиявӣ бояд на танҳо бевосита ба корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ додани маблағҳо аз буҷети давлатӣ, балки инчунин чорабиниҳои ба рушди босамари истеҳсолоти кишоварзӣ нигаронидашуда, яъне тадбирҳои дастгирии ғайримустақимро низ дар бар гирад. Ҳамин тавр, дастгирии давлатии молиявии кишоварзӣ низоми тадбирҳои муҳофизатии аз ҳисоби буҷети давлатӣ роҳандозишуда мебошад, ки ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ ва сатҳи даромаднокии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ нигаронида шудаанд ва дар ниҳоят рушди босуботи соҳаи кишоварзиро дар мамлакат таъмин мекунанд (саҳ. 79).

Яке аз таҳлилҳои нодире, ки дар диссертатасия гузаронида шудааст ин таҳлили маблағҳои қарзии аз ҷониби бонкҳо сафарбаршуда ба соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки ин воситаи муҳим барои муайян намудани ҳиссаи қарздиҳӣ ва сатҳи қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ аст. дар натиҷҷа муайян карда шудааст, ки дар пасманзари пастшавии умумии қарздиҳӣ ба

соҳаҳои иқтисодиёт таваҷҷуҳи бонкҳои тиҷоратӣ барои қарздиҳӣ ба соҳаи кишоварзӣ тамоюл ба камшавӣ дорад ( ҷадвали 2.5., саҳ. 95-96).

Аз тарафи муаллиф исбот карда шудааст, ки сабаби чунин таваҷҷуҳи ками бонкҳои тиҷоратӣ ба соҳаи кишоварзӣ, дар баробари вазъи молиявии ногувори корхонаҳои соҳа инчунин надоштани таъминоти муносиби қарз - амволи ғайриманқули дорои арзиши назаррас мебошад. Зеро шартҳои асосие, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои гирифтани қарз ба муштариён пешниҳод мекунанд, ин доштани гарав ва замонат мебошад (саҳ. 96).

Таҳлили ҷолибе ки дар диссертатсия дида мешавад, ин ҷадвали 2.6. – шартҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ барои пешниҳоди қарзи кишоварзӣ мебошад, ки он якчанд аломати қарзи кишоварзии имрӯз аз ҷониби бонкҳо пешниҳодшавандаро ошкор менамояд. Пеш аз ҳама ба назар мерасад, ки бо зиёд шудани мухлати қарз мутаносибан меъёри фоизҳои қарз низ меафзояд, яъне маълум мешавад, ки барои бонкҳои тиҷоратӣ хавфҳои пешниҳоди қарзҳои дарозмухлат ба корхонаҳои кишоварзӣ бештар мебошанд (саҳ. 97).

**Дар боби сеюми диссертатсия** – "Тамоюлоти рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ" рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ таҳқиқ гардида, роҳҳои ҳалли мушкилоти асосии қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ муайян карда шудааст.

Дар заминаи таҳлилҳои анҷомдодашуда унвонҷӯ муайян намудааст, ки низоми дастгирии давлатӣ тавассути пешниҳоди қарзи имтиёзнок дар мамлакат ҳанӯз ташаккул наёфтааст. Танҳо дар доираи барномаҳои давлатӣ бо ҷалби маблағҳои буҷетӣ ва грантҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ пешниҳоди дастгирии молиявӣ сурат мегирад.

Ба ақидаи муаллиф, чунин дастгирии давлатӣ барои рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ басанда нест. Барои ин дар мамлакат ба роҳ мондани қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар асоси дастгирии давлатӣ бо истифодаи маблағҳои буҷетӣ зарур аст. Зеро, тавре аз раванди таҳқиқот бармеояд, таҷрибаи корбурди чунин шакли дастгирии давлатӣ бо ҷалби

бонкҳои тиҷоратӣ, инчунин таъсиси бонкҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ ва хусусӣ, кооперативҳои қарзӣ барои маблағгузории рушди кишоварзӣ дар мамлакатҳои пешрафта ба натиҷаҳои муайян ноил гардидааст (саҳ.133).

Дар охир муаллиф пешниҳоди асоснок намудааст: зарур аст, ки марказҳои махсуси молиявии кишоварзӣ (агентиҳои қарзии кишоварзӣ) таъсис дода шаванд, ки корхонаҳои кишоварзиро дар ҳама марҳилаҳои раванди қарздиҳӣ – аз таҳияи нақшаҳои тиҷоратӣ ва арзёбии лоиҳаҳо то пешниҳоди маслиҳатҳо оид ба идоракунии хавфҳо ва тақвияти интизоми молиявӣ дастгирӣ кунанд. Чунин сохторҳо метавонанд сифати дархостҳои қарзиро беҳтар кунанд, хавфи пардохт накарданро коҳиш диҳанд ва ҳамкории байни бонкҳо ва истеҳсолкунандагони кишоварзиро беҳтар созанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшанвандаи илмӣ.**

Натиҷаи таҳқиқоти диссертатасионии унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар маҷалаҳҳои илмии тақризшавнада ба нашр расидаанд, ки ҳамчун натиҷаҳои илмии диссертатасия ба шумор мераванд. Доир ба мавзуи таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 3,4 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 3,1 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда нашр шудааст.

Мақолаҳои ба нашр расида ҷанбаҳои асосӣ ва паҳлӯҳои алоҳидаи диссертатасияро баён ва муаррифӣ менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.**

Диссертатсияи унвонҷӯ Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад тибқи муқарротҳои низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикисон омода гардида, муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, робитаи таҳқиқот ва натиҷаҳои асосии он бо чанде аз барномаву стратегияҳо, ба монанди Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-

2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441), Барномаи рушди низоми агроозуқаворӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.03.2023, № 54) алоқаманд мебошанд.

Дар маҷмуъ, диссертатасия дорои моҳияти баланди илмӣ буда, масълаҳое, ки дар мубрамияти мавзу қайд гардида буданд, мавриди таҳлил қарор гирифта ба натиҷаҳои мушахасси илмӣ ноил гардидааст.

**Камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**

Бояд гуфт, ки рисолаи мазкур дар баробари оне ки дорои як қатор муваффақиятҳо, комёбиҳо, дастовардҳои назарраси илмӣ ва таҳқиқотҳои нодир ҳастанд, инчунин, аз камбудҳо ва норасоиро низ холӣ нестанд. Ҳамзамон, қайд кардан ба маврид мебошад, ки камбудиҳои пешниҳодшаванда, хусусиятҳои тавсиявӣ дошта, қабули онҳо имконият медиҳанд, ки сатҳи илмии рисолаи илмӣ афзоиш ёбад, ки инҳо мебошанд:

1. Дар ҷадвалҳои таҳлилӣ ҷамъбасти муқоисавӣ ба чашм намерасад, яъне, бояд дар сутуни охир солҳо бо ҳамдигар муқоиса мегардиданд, ки барои баровардани хулосаи дуруст мусоидат мекунад.

2. Дар баъзе ҷадвалҳо таҳлили маълумотҳо як солро дар бар мегирад, ки ин натиҷаи таҳлилро номукаммал мегардонад. Дар ҳолати мавҷуд будани маълумотҳо беҳтар мегардид якчанд солҳоро таҳлил намуда, нисбати ин масъала хулосаи мукаммал бароварда мешуд.

3. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллиф таҳлилро дар мисоли як бонк гузаронида, бартарияту афзалияти қарздиҳии имтиёзнокро ба корхонаҳои кишоварзӣ муайян менамуд ва ба бонкҳои дигар онро тавсия мекард.

4. Дар Боби сеюм якчанд ҷадвалҳои таҳлилӣ ба назар мерасанд, ки муаллифро мебоист онро дар боби дуюм ҷойгир менамуд ва дар боби сеюм бештар ба рушди низоми қарздиҳӣ, роҳҳои ҳалли мушкилоти соҳа ва дурнамои он аҳамият медод.

5. Муаллиф агар ҳиссаи давлатро дар маблағгузории фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ ба факту рақамҳо дар шакли ҷадвал ва ё диаграмма омода менамуд ва онро шарҳ медод, сифати таҳқиқотро боз ҳам беҳтар мегардид.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.**

Кори диссертатсионӣ анҷомшдуда номида мумкин мебошад, дар он мундариҷа ва навгониҳои илмӣ ифода гардида, таҳлилҳои минбаъда, дар асоси мундариҷа ва бобҳою мубрамият асос ёфтааст.

Бояд қайд кард, ки таҳлилҳои амиқи мубрамият ва мундариҷаи диссертатсияи Холаҳмадзода Искандар Холаҳмад дар мавзуи "Хусусиятҳои ташаккул ва рушди низоми қарздиҳии имтиёзноки корхонаҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз аз ҷиҳати мазмун ва талаботҳои мавҷуда мутобиқ буда, муаллифи он савовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
номзади илмҳои иқтисодӣ,
муаллими калони кафедраи
фаъолияти бонкии ДДМИТ Аҳадов И.Қ.

**Дурустии имзои Аҳадов И.Қ.-ро тасдиқ мекунам.**
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳо махсуси ДДМИТ Мирҷамолов М.А.

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 734067, кӯч. Нахимов, 64/14
**Телефон:** (+992) 918-90-41-46
**Email:** im-yusuf@mail.ru